## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

Аз мушоҳидаи асару мақолоти марбут ба унсурҳои ёвари забони тоҷикӣ бахшидашуда маълум мегардад, ки кулли муҳаққиқон аз хусуси ин захираҳои сарфию наҳвии забон андешаи ҳамгунро қоил шудаанд. Ҷиҳати тақвияти ин андеша метавон аз мақолаву монографияҳои ҷудогонаи забоншиносоне мисли Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Р. Неменова, М.Б. Шаҳобова, Ш. Рустамов, М. Қосимова, С. Атобуллоев, Х. Ҳусейнов, Б. Камолиддинов, Ф. Зикриёев, Н. Бозидов ва дигарон ёдовар шуд. Дар чунин осори илмӣ муаллифони онҳо таваҷҷуҳи худро бештар ба як вазифаи мушаххаси унсурҳои ёвар равона намуда, ба доираи маъноии онҳо хеле кам диққат додаанд. Бояд гуфт, ки сарфи назар кардани вазифаҳои гуногуни чунин воҳидҳои забонӣ боиси нофаҳмии мутуни манзуму мансур мегардад. Ҳиссаҳои номустақили нутқ, ки аз даврони бостон то имрӯз тадриҷан теъдодашон рӯ ба афзунӣ овардааст, дар матн нақши ба худ хос дошта, дар баробари воситаҳои муҳимми рабтдиҳандаи дигар дар гардиш қарор доранд. Ҳазф кардан ё корбурди ноҷояи онҳо, ба вижа унсурҳои ёваре, ки дар чанд вазифа мустаъмаланд, метавонад муҷиби зуҳур намудани хатоҳои дағали забонӣ шавад.

Аз ҷониби Курғанов Зохид Дехканович дар шакли диссертатсияи докторӣ ба доираи таҳлил кашидани таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир аз он ҷиҳат аҳаммияти илмӣ, назарӣ ва амалӣ дорад, ки дар он бори нахуст тобишҳои маъноӣ ва сервазифагии пешояндҳову пайвандакҳо бо чунин шева таҳқиқ гардидааст.

Аз мушоҳидаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки унвонҷӯ аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дошта, онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Унвонҷӯ дар **муқаддимаи** диссертатсияи докторӣ аз мубрамии интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи таҳқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия, ки аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифӣ дар доираи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, сухан рондааст.

Унвони **боби якум**, ки «Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ» ном дорад, диссертант онро ба се фасл дастабандӣ кардааст. Дар фаслҳои ин боб муаллиф бар он кӯшидааст, ки арзиши мақолаву китобҳои доир ба ҳиссаҳои номустақили нутқ бахшидашударо мушаххас созад. Аз ин дидгоҳ, ӯ доир ба бурду бохти асарҳои зиёди илмии ба мавзуъ дахлдоштаро ба риштаи таҳлил кашида, ба ҳусну қубҳи онҳо равшанӣ андохтааст.

Номи **боби дуюми** диссертатсия «Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна» буда, он фарогири ду фасл мебошад. Дар ин фаслҳо доир ба таҳаввул ва ташаккули пешояндҳову пайвандакҳо, ки аз аҳди бостон то имрӯз мавриди истеъмоли соҳибзабонон қаор дорад, таваҷҷуҳ карда шудааст. Маълум мегардад, ки дар гузаштаи дур миқдори унсурҳои ёвар нисбат ба даврони муосир камтар буда, тадриҷан аз ҳисоби ҳиссаҳои мустақили нутқ теъдоди онҳо афзудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» фарогири панҷ фаслу ҳафт зерфасл буда, Курғанов З.Д. доир ба пешоянду пасояндҳои осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир, ки аз

ҷониби суханварон бо тобишҳои хосса дар заминаи мутуни мансуру манзум истифода шудааст, маълумот додааст. Бино ба ахбори диссертант чунин захираҳои сарфию наҳвӣ метавонистаанд ба ивази ҳамдигар низ омада бошанд.

**Боби чоруми** рисолаи мавриди тақриз «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» унвон дошта, аз се фаслу ёздаҳ зерфасл ташаккул ёфтааст. Муаллиф дар ин бобҳо ба усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳои пайвасткунандаву тобеъкунанда назар афканда, бо овардани далелҳои зиёд исбот кардааст, ки чунин воситаҳои алоқа аз лиҳози вазифа ҳамгуну ҳамсон нестанд. Масалан, имкон дорад пайвандакҳои пайвасткунанда дар мавридҳои ҷудогона ба вазифаи пайвандакҳои тобеъкунанда оянд ва ё баръакс.

Унвони **боби панҷуми** диссертатсия «Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» буда, шомили чор боб аст. Курғанов З.Д. дар фаслҳои ин боб бештар ба масъалаи фурӯгузор шудани ҳиссаҳои номустақили нутқ дар матн, ҳамчун унсурҳои ёвар истифода шудани калимаҳои ифодакунандаи узвҳои инсон, қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ва иртиботи унсурҳои ёвар бо гӯйишҳои забони тоҷикӣ ва ғ. диққат додааст.

Дар **хулосаи** рисола, ки аз 29 банд иборат мебошад, унвонҷӯ андешаҳои муҳимми илмиашро сарҷамъ кардааст.

Диссертатсия бо равиши хуби илмӣ навишта шуда, аз афзалиятҳои шоистаи зиёд бархурдор мебошад, аммо дар баробари ин баъзан камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар расиданд. Масалан, дар гунаи русии автореферат баъзан ғалатҳои имлоиву китобат роҳ ёфтаанд (с.5, 17, 34).

Мавриди зикр аст, ки нуқсонҳои мазкур характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии авторефератро намекоҳонанд.

Кори анҷомдодаи Курғанов З.Д. таҳқиқоти мустақилона ба шумор рафта, ин масъала бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» тадқиқоти арзишманд дар илми грамматикаи таърихиву муосир маҳсуб ёфта, бандубасти он ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз**:
доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»
ш. Душанбе, н. Сино, маҳаллаи
Навбаҳор, хонаи 622
Тел: 93-515-40-29
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com Низомова Санобар Фахриевна

«Имзои Низомова Санобар Фахриевнаро тасдиқ мекунам».
Сардори раёсати рушди кадрии МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафаров Б.И.
Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе
кӯчаи Сино 29-31;
тел: 446003977; факс: 2353496
E-mail: info@tajmedun.tj

«22» апрели соли 2024.